# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

1. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

2. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» омода гардидааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Дар сатҳи кунунии рушди ҷомеа инсон метавонад танҳо дар шароите пешрафти фардӣ ва ҷамъиятӣ дошта бошад, ки дар кишвари ба меъёрҳои давлати иҷтимоӣ ҷавобгӯ зиндагӣ кунад ва бо ҳадди ақали маҷмуи озуқаворӣ, эҳтиёҷоти моддӣ ва хидматрасонӣ таъмин бошад, то дар тамоми соҳаҳои ҳаёт эҳсоси амнияти иқтисодиву иҷтимоӣ дошта бошад. Ночиз будани ин меъёрҳоро махсусан шахсоне эҳсос мекунанд, ки бинобар хавфи иҷтимоӣ дар ҳолати ноамнии иқтисодӣ ва ё осебпазирии иҷтимоӣ қарор доранд, зеро дар ин ҳолат онҳо одатан аз имконияти рафъи мустақилонаи мушкилот маҳруманд ё ба таври назаррас дар қонеъ сохтани талаботи ҳадди ақали зиндагии худ дучори маҳдудият мешаванд. Дар ин ҳолат уҳдадориҳои дахлдорро давлат дар симои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, тамоми ташкилотҳо новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагӣ ва дигар субъектҳое, ки ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоии инсонро дар ҷараёни фаъолияти худ амалӣ менамоянд, ба дӯш мегирад.

Ҳамчунин, муҳим будани мавзуи пажӯҳиши диссертатсионӣ бо зарурати ба таври маҷмуӣ ва низомнок омӯхтани ташаккул ва рушди таърихии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ бо ҳадафи мушаххас сохтани вазъи ҳуқуқӣ, вижагиҳои амалишавӣ, ҷанбаҳои такмилталаби низоми кунунии ин категорияи ҳуқуқҳо асоснок карда мешавад. Пӯшида нест, ки бидуни мушаххас сохтани вазъи ҷорӣи қонунгузории ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкони беҳтар кардани шароити ҳуқуқии шаҳрвандон дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ба монанди хидматрасониҳои иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳимояи иҷтимоӣ, роҳандозии шароити мусоид барои муносибатҳои иқтисодӣ ва монанди инҳо ғайриимкон аст.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Ҳарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқҳои марбута, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос меёбад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда,

ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои, аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин тавсия карда шаванд:

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Қодирзода Мирзоқодир Аюб**, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд).

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи байнидавлатии Таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» таъин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРДА:**

1. Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон»,

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мавофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Қодирзода Мирзоқодир Аюб, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд).

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи байнидавлатии Таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таиншуда иҷозат дода шавад

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

н.и.ҳ., дотсенти кафедраи кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Куканов А.З.

21.04.25